**Тақризи роҳбари илмӣ ба рисолаи номзадии Сафаров Некрӯз Шодиевич дар мавзуи: «Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён (дар асоси маъхазҳои таърихӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – «Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ».**

Рисолае, ки барои дифоъ пешниҳод мешавад, ба масъалаи бисёр муҳим – ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён бахшида шудааст. Муҳиммияти мавзӯъ пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки бо вуҷуди аз ҷониби донишмандон омӯхта шудани масъалаҳои таърихию фарҳангии давлати Сомониён, ҷуғрофиёи таърихии ин давлат ба таври мухтасар, дар маҳдудаҳои мавзӯӣ ва ё дар ҳошияи пажӯҳишҳо баён шуда, дар алоҳидагӣ мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор нагирифтааст. Метавон гуфт то кунун ҳудуди таърихии давлати Сомониён дар давраҳои гуногуни рушди он мушаххас нашудаанд. Ҳатто замони ба ҳайати давлати Сомониён ворид шудани манотиқи кунунии Тоҷикистон дар ин пажӯҳишҳо дақиқ маълум нест. Дар осори илмӣ ва таълимии мактабҳо ва донишгоҳҳои Тоҷикистон ҳоло ҳам харитаҳое истифода мешаванд, ки ҳудуди давлати Сомониён дар онҳо ба таври нокомил тасвир шудаанд. Масалан, яке аз вилоятҳои таърихии тоҷикнишин – Ғур берун аз ҳудуди ин давлат монда, баъзе аз вилоятҳои Эрони ғарбӣ ва марказӣ, ки бештар аз ним аср дар ҳайати давлати Сомониён буданд, дар харитаҳои ёдшуда ворид нашудаанд.

Дар рисола зимни муқоисаи маълумоти манобеи таърихию адабӣ, ҷуғрофиёӣ, ёфтаҳои бостоншиносон ва таҳқиқоти донишмандон марзҳои дохиливу хориҷӣ ва дар умум, ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён хеле равшантар шудааст. Бад-ин восита ҳудуди ҷуғрофиёии ташаккули халқи тоҷик ва густариши ҷуғрофиёии забони форсии дарӣ дар Хуросони Бузург ва берун аз он низ бештар муайян мегардад.

Омӯзиши ҷуғрофиёи таърихии вилоятҳои ҷудогонаи давлати Сомониён ва мулкҳои ниммустақили он барои муҳаққиқони таърихи ин давра имкон фароҳам месозад, ки вазъи иҷтимоию иқтисодии қаламрави бузурги Сомониёнро дақиқтар муайян созанд.

Унвонҷӯ қариб тамоми сарчашмаҳои таърихӣ ва осори ҷуғрофиёии марбут ба масъалаи мавриди таҳқиқро истифода кардааст. Сохтори рисола ба талаботи таъйиншудаи расмӣ мувофиқ буда, фарогири сарсухан, ду боб, шаш

зербоб, хулоса, рӯйхатти адабиёти истифодашуда ва замимаҳо (харитаҳо ва нақшаҳо) мебошад.

Дар сарсухани рисола муҳим будани мавзӯъ асоснок шуда, сатҳи омӯзиши масъала ва мақсаду вазифаҳои таҳқиқ мушаххас карда шудаанд. Ҳамчунин дар ин қисми рисола пойгоҳи маъхазшиносии таҳқиқот, навоварии илмӣ, маҳдудаи замонӣ ва аҳаммияти назариявию амалии рисола муайян оварда шудаанд.

Кори арзишманде, ки унвонҷӯ анҷом додааст, ин таҳлилҳои муқоисавии маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, осори ҷуғрофиёии асримиёнагӣ ва маводди бостоншиносӣ мебошад. Маълумоти баъзе сарчашмаҳои таърихӣ бори аввал аз ҷониби унвонҷӯ ба доираи илмӣ ворид карда шудаанд.

Дуруст ва асоснок будани масъалаҳои асосии рисола дар он аст, ки унвонҷӯ маълумоти маъхазҳои таърихӣ, осори ҷуғрофиёӣ ва маводди бостоншиносиро аз назари танқидӣ бо ҳам қиёс намуда, марзҳои умумӣ ва дохилии давлати Сомониёнро дақиқан тасвир ва замонҳои густариш ва коҳиши ҷуғрофиёии давлати Сомониёнро муайян кардааст.

Муаллиф саҳми олимони тоҷику эронӣ, русу шӯравӣ ва олимони ғарбиро дар таҳқиқи масъалаҳои марбут ба мавзӯи рисола зикр намуда, осори илмии эшонро аз нигоҳи танқидӣ таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Навоварии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён дар асоси маводди сарчашмаҳои ҷуғрофӣ-таърихии асрҳои миёна ва маводди бостоншиносӣ ба таври фарогир таҳқиқ гардида, ҳудуди давлати Сомониён дар тамоми давраҳои мавҷудияти он муайян шудааст. Дар баробари ин, робитаи ҷуғрофиёи таърихӣ бо равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоии дар давлати Сомониён ҷараёндошта муайян шуда, роҷеъ ба шаҳру вилоятҳои давлати Сомониён маълумоти мувассаққи илмӣ оварда шудааст. Инчунин, омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки дар тағйири ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён асаргузор буданд, мушаххас шуда, марзҳои ҳар кадом вилоятҳои тобеи давлати Сомониён ва дар умум тамоми ҳудуди ин давлат дар давраҳои мухталиф дар харитаҳое, ки худи унвонҷӯ таҳия кардааст, хеле дақиқ тасвир шудаанд.

Пойгоҳи манбаъшиносии таҳқиқотро сарчашмаҳои таърихӣ ва осори ҷуғрофиёии асримиёнагӣ ташкил додаанд.

Ҳангоми омӯзиши масъалаҳои ҷуғрофиёи таърихии асрҳои IX–XI-и кулли Эронзамин, инчунин, барои таҳияи асарҳои умумии вобаста ба таърихи

асримиёнагии ин сарзамини бузург рисолаи мазкур метавонад мавриди истифода қарор гирад. Инчунин, рисола барои идомаи васеътари таҳқиқи таърихи ин сарзамин, баргузории курсҳои махсус ва китобҳое, ки ба ин ҳудуд ва ин давраи таърихӣ иртибот доранд, ҳамчун маводди иловагӣ ва ёридиҳандаи таҳқиқӣ метавонад истифода шавад.

Дар хулосаи рисола унвонҷӯ натиҷаҳои таҳқиқи худро ҷамъбаст намуда, дуруст қайд мекунад, ки омӯзиши масоили марбут ба ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён барои дарки амиқи равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии дар минтақа рухдода, ки дар сарнавишти ояндаи ин давлату ин сарзамин нақши муҳим доштанд, хеле зарур мебошад.

Бо таваҷҷуҳ ба кори анҷомдодаи Н. Сафаров метавон гуфт, ки унвонҷӯ кӯшиш кардааст масъалаи ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониёнро бо такя ба ахбори сарчашмаҳо таҳқиқ намуда, ҳудуди комили ин давлатро дар давраи гуногуни мавҷудияти он тасвир намояд. Яъне, рисола таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ буда, вазифаҳои гузошташудаи он ба хубӣ ҳал шудаанд.

Рисолаи номзадии унвонҷӯ Сафаров Некрӯз Шодиевич «Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён» (дар асоси маъхазҳои таърихӣ) мутобиқ ба ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ навишта шуда, тибқи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи Дастури КОА Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати рисолаҳои номзадӣ мувофиқ аст ва онро метавон барои дифоъ пешниҳод намуд.

Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои таърих,
сармуҳаррири Сарредаксияи илмии
Энсиклопедияи миллии тоҷик **Амиршоев Н. Қ.**

Нозири шуъбаи кадрҳо Холмуродова С.